«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________________ Файзулло Машраб Қурбоналӣ
«24» феврали соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат менамояд. Масъалаи мазкур ба доираи мавзуъ ва тамоюлҳои муосири журналистика иртибот дошта, аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Дар ҳақиқат, воситаҳои ахбори омма (ВАО)-и корпоративӣ дар низоми ВАО-и Тоҷикистон ҷойгоҳи хосро ишғол менамоянд. Муҳаққиқ дуурст собит месохад, ки тамоюли муҳимми пайдоиши ВАО-и корпоративӣ эҷоди контенти худӣ аст ва он иттилоотро ба арзишҳо ва манфиатҳои муштариёни эҳтимолӣ ва ё мақсадноки ширкат наздиктар менамояд Онҳо маҳсулоти иттилоотӣ ва таблиғотро муттаҳид мекунанд. Мавқеи миёнаравии ВАО-и корпоративӣ ба ташаккули садоқати истеъмолкунандагон ба ширкат ва бренд таъсир мерасонад. Чунин ВАО махсусан барои тиҷорати хурд зарур мебошанд, зеро онҳо буҷети таблиғотро сарфа мекунанд.

Муҳтавои диссертатсия ба илми журналистика бесовита рабт дошта, майлонҳои навро бозгӯӣ менамояд.

Аз таҳқиқ маълум мегардад, ки ба ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ду вазифаи иловагӣ хос аст – мутобиқшавӣ ва имиҷиологӣ, яъне дар миёни ВАО-и корпоративӣ лоиҳаҳои зиёде мавҷуд ҳастанд, ки барои онҳо вазифаҳои маркетинг ва PR авлавият доранд, вале мувофиқи консепсияи ширкат, вазифаҳои тарбиявӣ ва тавзеҳотӣ аҳаммияти иҷтимоӣ касб менамоянд. Ин ва дигар махсусиятҳо дар диссертатсия хуб баррасӣ шудаанд.

Ҷойи таъкид аст, ки зимни суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: «…дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд». Ба таъкиди муҳаққиқ, таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа буда, метавонанд дар ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намоянд (саҳ. 80).

Дар муддати 35 соли охир дар Тоҷикистон тағйироту дигаргуниҳо ба амал омаданд. Аз ҷумла, дар соҳаи ВАО, дар баробари матбуоти давлативу шахсӣ, нашрияҳои дигар низ пайдо шуданд, муносибатҳои сармоядорӣ ва молиявӣ ба вуҷуд омаданд, ширкатҳо ва корпоратсияҳои гуногун дар шаклҳои нав зуҳур карданд. Дар ин миён метавон ВАО-и корпоративиро хоса қайд намуд, ки яке аз рукнҳои асосии танзимкунандаи мухобироти дохилии корхона маҳсуб мешаванд. Пайдоиши онҳо бевосита ба падид омадани дигаргуниҳои иқтисодӣ дар ҳаёти ин ё он кишвар ва ҷудо шудани як қатор принсипҳои нав барои инкишофи тиҷорат марбут аст. Ин тағйироту принсипҳо зери мафҳуми «фарҳанги соҳавӣ» ва «этикаи соҳавӣ» дар шароити муосир фаҳмида мешаванд. Маҳз ба шарофати нашрияҳои соҳавӣ афзоиши ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон мушоҳида мегардад ва ин вижагӣ махсус аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ Ҳамидиён И. И. қайд шудааст. Ба андешаи ӯ, ВАО-и соҳавӣ журналистикаи босифат буда, барои рушди ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошт (саҳ. 297).

Аз диссертатсия маълум мегардад, ки ВАО-и корпоративӣ падидаи ҷолиб буда, иртиботи шахсӣ ба хонанда, пешниҳоди иттилооти соҳавӣ, таблиғи бренд ва рушди имиҷи ширкатро дар маҷмуъ муттаҳид менамояд. Ҳамзамон, он як ҷузъи ҷудонашавандаи барномаи ташаккули садоқати кормандон нисбат ба фаъолияти ширкат дониста мешавад.

Нашр ва паҳни ин навъи ВАО ҳам барои тиҷорати бузург ва ҳам хурд дастрас буда, тамоюли мазкур боиси афзоиши бозори иттилоот мегардад. Ширкатҳои хурду калон барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои мухобиротиашон пайваста дар ҷустуҷӯи усулҳои нави рушд, интишор ва паҳнкунии васоити ахбори оммаи корпоративӣ ҳастанд.

Ҳамин тариқ, муҳтаво ва иртиботи диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода ба соҳаи илми рӯзноманигорӣ бебаҳс буда, пурра бо шиносномаи ихтисос (10.01.10) мутобиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Диссертант Ҳамидиён И.И. дар коркади мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб кард.

Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои иртиботи ВАО-и корпоратирӣ дар журналистикаи муосири тоҷик мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои таҳлилӣ (ҳисобот, мусоҳиба, пурсишнома), умумиилмӣ (суҳбат, шарҳ, тақриз, мақола), иҷтимоӣ (анкета, мониторинг, рейтинг), мушоҳида, индуксия, дедуксия, сохторӣ-функсионалӣ, муқоисавӣ, ҷамъбасти таҷрибавӣ ва назариявӣ самаранок истифода бурдааст. Ҷиҳати таъмини эътимоднокии тавсияю хулоса ва пешниҳодҳо методҳои умумии мантиқӣ (таҳлил, синтез ва муқоиса) истифода гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ пурра эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия солҳои зиёд дар ВАО-и гуногуни корпоративӣ фаъолият намуда, масъаларо ҳам аз лиҳози илмӣ ва ҳам амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Муаллифи диссертатсия дар бештар аз 60 конференсияҳои байналмилалию илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳои худро ҷиҳати омӯшиш ва тақвият бахшидани ин самти то имрӯз пажуҳишнашуда дар илми журналистика ироа намудааст.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ марбут ба мавзуи баррасишаванда муваффақ шуда, андешаҳои илмиро коркард намудааст. Махсусан, масъалаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ ва шаклгирии равандҳои демократӣ дар онҳо, реклама ва матнҳои PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон, нақши ВАО-и корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат ва сомонаҳои корпоративӣ ҳамчун воситаи муассири менеджмент ва маркетинг ба таври муназзаму мантиқӣ дар бобу фаслҳои диссертатсия дастабандӣ ва баррасӣ мешаванд.

Бояд гуфт, ки ҳангоми таълиф Ҳамидиён И. И. ба адабиёти нави илмӣ диққат додааст. Ба ҳайси адабиёти диссертатсия на танҳо асарҳои олимони ватанию хориҷӣ аз соҳаи журналистика, балки осори иқтисодшиносон, сиёсатшиносон ва ҷомеашиносон низ васеъ истифода шудааст.

Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки довталаби дараҷаи илмӣ тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд.

Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Таҳқиқи довталаб Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода нишон медиҳад, ки ин мавзуъ дар доираи корҳои пажуҳишии комилу фарогир баррасиву таҳлил нагардида, бори аввал ВАО-и корпоративии Тоҷикистон дар шакли таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун яке аз навъҳои журналистика мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор мегиранд.

**Аҳаммияти назарии** кори таҳқиқии Илҳомҷон Ҳамидиёнро метавон бо он асоснок намуд, ки ба хулосаҳои муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ташаккули журналистикаи копоративӣ дар улуми рӯзноманигорӣ, менеҷмент, маркетинг, риторика ва робита бо ҷомеа (PR) ва ғайра метавон такя кард. Маълумоти ҷамъоваришуда, ҷамъбастгардида ва ба низом даровардашуда хусусияти равандҳои ташаккул ва рушди ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистонро дар асоси назарияи маъмул ошкор ва мушаххас менамояд. Диссертатсия метавонад ҳамчун сарчашма барои навиштани мақолаҳои илмӣ дар ин мавзуъ истифода гардад.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ҳамчун як намуди ВАО заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Истифодаи маводи таҳқиқ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои нашр ва паҳн намудани ВАО-и корпоративии худро дубора таҷдид намоянд ва самаранокии кори онҳоро беҳтар созанд. Маводи таҳқиқ метавонад барои омӯзонидани хусусиятҳои ВАО-и корпоративӣ дар донишгоҳҳо ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони ин соҳа истифода шавад.

Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Матни диссертатсия дар 381 саҳифа ҷой шуда, рӯйхати адабиёт 700 номгӯйро фаро мегирад

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назарию методологӣ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якум «Пайдоиш ва таҳаввули ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» унвон гирифта, дар он масъалаҳои заминаҳои пайдоиш ва мавқеи матбуоти соҳавӣ дар низоми ВАО-и корпоративӣ, омилҳои типологии ташаккули матбуоти корпоративӣ ва марҳилаҳои рушди ВАО-и корпоративӣ ва шаклгирии равандҳои демократӣ дар онҳо таҳқиқ мешаванд.

Ба таъкиди довталаби дараҷаи илмӣ, афзоиши босуръати нашр ва паҳнкунии ВАО-и корпоративиро метавон ба амалисозии самараноки маркетинги корпоративӣ рабт дод (саҳ. 51-52). Имрӯз ширкатро бидуни ВАО тасаввур кардан душвор аст, ҳарчанд дар шароити муосир, аксарияти корпоратсияҳо ба васоити электронии ахбор бештар таваҷҷуҳ доранд. Барои дуруст ба роҳ мондани иртиботи тарафайн бо мизоҷони худ ширкатҳо иртибот ва ВАО-и худиро ташкил мекунанд, то ба кормандон, сармоягузорон, саҳмдорон ва мизоҷон таъсир расонида, сиёсати дурусти фаҳмонидани вазифаҳо ва марҳилаҳои фаъолиятро ба роҳ монанд. Дар идомаи таҳқиқ ишора мегардад, ки матбуоти корпоративӣ метавонад ба сифати асбоби идоракунии ширкат баромад намояд. Таъйинот ва махсусияти матбуоти корпоративӣ ба самти фаъолияти корхонаи идоракунанда вобастагии калон дорад (саҳ. 79). Зимни таҳқиқ муайян шудааст, ки ВАО-и корпоративӣ воситаи тавонои таъсиррасонӣ ба аудиторияҳои гуногун буда, кормандони ташкилотро муттаҳид месозад ва ҷиҳати зудтар паҳн кардани иттилооти дохилӣ мусоидат менамояд (саҳ. 112). Журналисти ВАО-и корпоративии Тоҷикистон будан маънои доштани донишҳои вижа дар соҳаи фаъолияти ширкат аст.

Боби дуюм «Таҷрибаи интишори ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, дар се фасли он масъалаҳои ВАО-и корпоративӣ ҳамчун низоми фаъолият, реклама ва матнҳои PR дар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон ва ташаккули фарҳанг ва этикаи ВАО-и корпоративӣ баррасӣ гардидаанд.

Ҳамидиён И. И. дар таҳқиқоти худ менависад: "Имрӯз ҳам дар Тоҷикистон сомонаҳои корпоративии https://www.somonair.com/ https://alif.tj/, https://www.spitamenbank.tj, https://www.ssb.tj/, https://www.eskhata.com/, https://finca.tj/ ва ғайра дорои сохтор ва мундариҷае ҳастанд, ки ба арзишҳои ширкат ва муштариёни он мувофиқат мекунад (саҳ. 131).

Дуруст ишора мегардад, ки ҷалби созмонҳои диллерӣ ва франчайзингҳо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ кори нав нест. Бисёр ширкатҳо барои пешбурди маҳсулоти худ дар бозорҳои минтақавӣ таваҷҷуҳ доранд ва яке аз роҳҳои маъмултарини кор бо минтақаҳо бастани шартнома бо созмонҳои диллерӣ ва ташкилотҳои франчайзингӣ мебошад (саҳ. 143). Тавре аз таҷрибаи нашри ВАО-и корпоративӣ дар Тоҷикистон бармеояд, аксар вакт он ба соҳаи хизматрасонӣ ё тиҷорати хурд марбут буда, доираи муайяни харидоронро фаро мегиранд.

Дар мисоли фаъолияти сомонаҳои расмии Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон (www.abt.tj), ширкати алюминийи тоҷик – Talco (http://talco.tj/), ҷамъиятҳои саҳомии «Амонатбонк» (http://www.amonatbank.tj), бонки «Эсхата» (http://www.eskhata.com), «Ориёнбонк» (http://www.orienbank.tj), «Имон интернешнл» https://www.imon.tj/, «Ҳумо» https://humo.tj/ru/ «Соҳибкорбонк» (http://www.sohibkorbank.com), «Агроинвестбонк» (http://www.agroinvestbank.tj), «Тоҷпромбонк» (http://www.tajprombank.tj/), «Тоҷиксодиротбонк» (http://www.tsb.tj/) ва ширкати «Оби зулол» (www.obizulol.tj) диссертант иброз медорад, ки дар ин ва дигар ВАО-и корпоративии Тоҷикистон «мавзуъҳои навбатдор» – ваҳдат, истиқлолият, Конститутсия, сулҳ, ободӣ ва ғайра мунтазам нашр ва пахш мешаванд ва моҳиятан вазифаҳои дохиликорпоративиро фарогир нестанд (саҳ. 178).

Боби сеюм «Мавзуъ ва жанрҳои ВАО-и корпоративӣ» ном дошта, дар он навъҳои жанрҳои ВАО-и корпоративӣ, нақши ВАО-и корпоративӣ дар иҷтимоикунонии тиҷорат ва сомонаҳои корпоративӣ – воситаи муассири менеҷмент ва маркетинг таҳлил шудаанд.

Таҳқиқи довталаби дараҷаи илмӣ маълум намуд, ки дар кишвари мо ВАО-и иттиҳодиявӣ аз жанрҳои пресс-релиз, фичер, шарҳи ҳол, саволнома, байлайнер, табрикот, даъватнома, брошюра, буклет ва ғайра ВАО-и корпоративӣ истифода мебаранд (саҳ. 181). Ҷолиб аст, ки дар диссертатсия оид ба иҷтимоикунонӣ тиҷорат – як самти нав барои илми журналистика сухар меравад. Ба таъкиди довталаб, он раванди муттасилест, ки дар фаҳмиши васеъ тағйир додани ҷамъият ва дар фаҳмиши маҳдуд – иваз намудани инсонро дар назар дорад, яъне ин ҷараёни азхудкунии меъёрҳои фарҳангӣ ва омӯзиши нақшҳои иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқ маълум намуд, ки бо эҳтимоли зиёд, аввалин мақолаҳои илмӣ дар бораи фаъолият ва таъйиноти ВАО-и корпоративӣ, дар ибтидои асри ХХ пайдо шудаанд (саҳ. 191).

Дар идомаи боби мазкур баҳси илмии Ҳамидиён И. И. роҷеъ ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва мухобиротии ВАО-и корпоративӣ, конвергенсия, истифода бурдани технологияҳои нави мухобиротӣ дар раванди тиҷорат ва рушди маҳсулоти мултимедиявӣ, краудсорсинг ташаккули имиҷ ва симои

иҷтимоии ширкат идома меёбад. Ба таъкиди ӯ, ВАО-и корпоративӣ фарҳанги иқтисодӣ, стандартҳои корпоративӣ ва моделҳои ҳамкориро бо созмонҳо ва ҷомеа фаъолона таблиғ мекунанд. Бо назардошти моҳияти иттилоотӣ ва миёнарав доштани онҳо, зарур аст, ки ВАО-и корпоративӣ ҳамчун воситаи муоширати баррасӣ карда шаванд (саҳ. 198).

Боби чаҳоруми диссертатсия «Мавқеъ ва дурнамои воситаҳои корпоративии муосир дар фазои иттилоотии Тоҷикистон» буда, дар зербобҳои он вазифаҳои асосии радио ва телевизиони корпоративӣ, маҷаллаҳои бортӣ ҳамчун навъи ВАО-и корпоративӣ ва нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ таҳқиқ мегардад.

Гуфта мешавад, ки радиои корпоративӣ воситаи куҳнаи фаромӯшшуда буда, ба ниёзҳои иттилоотии аудиторияи мақсаднок ҷавоб мегӯяд – доираи васеи аудитория, пахши шабонарӯзӣ, сари вақт расонидани иттилоот, таҳмил накардани маводу хабар аз ҳисоби омезиши фароғат ва иттилоот. Ин самтҳо радиои корпоративиро воситаи дӯстдоштанӣ менамоянд (саҳ. 236). Идораи радиошунавонии Ширкати алюминии тоҷик соли 1976 аввал ҳамчун радиоузел, баъдан редаксия ба яке аз васоити зарурии иттилоотонии ҳазорон нафар кормандони корхона табдил ёфта буд. Фаъолияти Абдурауф Муъминов, Хайриддин Соқиев, Ҳамроқул Ҷӯраев, Илҳоми Файз, Дилшод Раҳмонов, Олеся Низомова, Марворид Раҳмонова, Бахтовар Давлатов ва Саидакбар Амиров аз радиои корпоративии Talco ба таври амиқ таҳлил шудаанд (саҳ. 242-245). Дар идома, аз кори радио ва телевизиони донишгоҳӣ низ мисолҳои мушаххас оварда мешаванд.

Ба таъкиди Ҳамидиён И. И. “...ҳар як ширкати ҳавопаймоӣ, ки худро эҳтиром мекунад, дорои маҷаллаҳои бортӣ ҳастанд. Вазифаи асосии онҳо аз он иборат аст, ки ба хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ сифат илова карда, парвозро барои мусофирон боз ҳам ҷолибтар созад. Ҳангоми таъсиси маҷаллаи бортӣ ба унсурҳои фароғатӣ ва фарҳангӣ бештар диққат дода мешавад” (саҳ. 255). Вазифаи имиҷсозии ин маҷаллаҳо бебаҳс аст. Вазифаи ҳамгироӣ ё интегратсионӣ аз авлавиятҳои дигари маҷаллаҳои бортӣ шинохта шудааст. Вазифаи иттилоотӣ, мухобиротӣ ва таълимии ин маҷаллаҳо аз он иборат аст, ки матнҳо бояд ҷанбаъҳои таълимӣ ва ахлоқӣ гиранд (саҳ. 258).

Дар **хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои таҳқиқ дар 23 банд баррасӣ ва ҷамъбаст гардидаанд. Таҳқиқ дар заминаи ин мавзуъ нишон нишон дод, ки масъалаи мазкур ҳанӯз ба баррасиҳои бештар ниёз дорад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари комёбиҳои иброзгардида, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Бо назардошти он, ки дар муҳити илмии журналистика вобаста ба мавзуи таҳқиқ нав адабиёти илмию таълимӣ камтар таълиф гардидааст, муаллиф метавонист пурсишҳои сотисиологӣ гузаронида, аз натиҷаи онҳо низ дар диссертатсия истифода намояд.
2. Нуктаи чаҳоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда роҷеъ ба он, ки матбуоти соҳавӣ ҳамчун асоси пайдоиш ва ташаккули расонаҳои корпоративӣ дар Тоҷикистон хидмат мекунанд, баҳснок аст. Мушаххас шудани мавқеи муаллиф дар ин хусус зимни ҳимояи ошкорои диссертатсия ба манфиати кор диниста мешавад.
3. Ба масъалаи нақши сомонаҳо дар фазои ВАО-и корпоративӣ ва истифодаи онҳо ҳамчун воситаи муассири менеджмент ва маркетинг ду фасли диссертатсия ихтисос дода мешавад. То куҷо ин вижагӣ асоси амалӣ дорад, барои мо норавшан боқӣ мемонад.
4. Вобаста ба предмети таҳқиқ дар Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» як қатор мақолаҳои илмию таълимӣ ба нашр расидаанд, ки корбасти онҳо дар диссертатсия ба манфиати таҳқиқ дониста мешавад.
5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоию маъноӣ дида мешаванд (саҳифаҳои 27, 49, 63, 81, 115, 194, 237, 283).

Камбудиҳои зикршуда дар маҷмуъ арзиши илми кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаашро дар сатҳу савияи баланди илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи доктории Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода маълумоти фаровон ва далелҳои ҷолиб гирифтан мумкин аст. Диссертатсия тарзе навишта шудааст, ки дар ҳар саҳифа истиқлоли фикрии диссертант ба назар мерасад.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқӣ буда, онро дастоварди тоза дар илми журналистикаи муосири тоҷик шинохтан мумкин аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода дар мавзуи «Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва дурнамо» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад. Инчунин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти рӯзноманигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмуну мантиқи ягонаи дохилӣ аст.

Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниход шудаанд, саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Автореферати диссертатсия ва гузоришҳои илмӣ дар конфронсҳои гуногун муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мавзуъ, муқаррарот, хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ-амалии диссертатсияи Ҳамидиён И. И. дар 4 монография, 36 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илми доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи миллӣ ва байналмилалии факултаи филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Абдуллозода Масрур Аҳмад омода шуда, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 22 феврали соли 2025 муҳокима ва ҷонибдорӣ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти № 6 аз 22.02.2025.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи миллӣ ва байналмилалии
факултаи филологияи рус, журналистика ва
медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии

байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Муллоев Шариф Боқиевич

**ЭКСПЕРТ:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи миллӣ ва байналмилалии факултаи филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Абдуллозода Масрур Аҳмад

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи миллӣ ва байналмилалии факултаи филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Мансурова Бибимарям Сайдуллоевна

*«Имзоҳои Муллоев Ш.Б., Абдуллозода М.А. ва Мансурова Б.С.-ро тасдиқ мекунам»*
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон», доктори илмҳои филологӣ Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович

*«22» феврали соли 2025*

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50, (+992 44) 620-42-13
E-mail: p.rektora@mail.ru, rtsuok@mail.ru
Сомонаи расмии муассиса: https://rtsu.tj/